**Суратҷаласаи №10.2.**
ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-002-и назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

аз 26 январи соли 2023 ш. Кӯлоб

**Иштирок доштанд:** Аз 15 нафар ҳайати Шурои диссертатсионӣ, 11 нафар иштирок доштанд. Аз ҷумла, 3 нафар доктори илм ва 2 нафар номзади илм, дотсент оид ба самти диссертатсияи баррасишаванда.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи Шурои диссертатсионӣ кушода шавад.

Пешниҳод якдилона қабул шуд.

**РӮЗНОМА:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи **Назаров Тоҳирҷон Холмуминович** дар мавзуи «**Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти экологии омӯзгорони ояндаи биология дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.02. – Назария ва методикаи фанҳои табиӣ, тасдиқи муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда.

**ШУНИДА ШУД:** Гузориши раиси Шурои диссертатсионӣ Мирализода А.М. ва раиси комиссияи экспертӣ профессор Ибодов М.О. (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

**БАРОМАД КАРДАНД**: Қурбонов А.Ш., Абдуллоев М.Х. ва Ҷумъахон Алимӣ.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Дар асоси пешниҳоди д.и.ф., профессор Мирзоев С.С. ва ризоияти унвонҷӯ Назаров Тоҳирҷон Холмуминович мавзуи рисолаи номзадии номбурда «Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти экологии омӯзгорони ояндаи биология дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон» минбаъд: «Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти экологии омӯзгорони ояндаи биология дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии **Ҷумҳурии** Тоҷикистон» **номгузорӣ** карда шавад
2. Диссертатсияи Назаров Тоҳирҷон Холмуминович дар мавзуи «Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти экологии омӯзгорони ояндаи биология дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.02. – Назария ва методикаи фанҳои табиӣ, барои **ҳимоя иҷозат** дода шавад;

3. **Ба сифати муассисаи пешбар:** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров **ва ба сифати муқарризони расмӣ: Мирзоев Салим Сайдалиевич,** доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи биология ва методикаи таълими они Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ; **Мансурова Ҷамила Сулаймоновна,** номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ муайян карда шаванд;

4. Барои ҷойгирсозии эълони ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, ҳамчунин нашр ва паҳн кардани автореферат иҷозат дода шавад;

5. Рӯзи ҳимоя 29 – уми апрели соли 2023, соати 09:30 муайян карда шавад.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор — Миралиизода А.М.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ
н.и.п., дотсент — Рафиев С.А.

26.01.2023